**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) (– Душанбе, 2026. – 39 саҳ.)**

Автореферати диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи ҷиноятии муосир – таъмини ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсии шахсият равона гардидааст. Мазмун ва сохтори автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи мазкурро бо дарназардошти аҳаммияти назариявӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқтатбиқии он мавриди таҳлил қарор додааст. Дар автореферат ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва натиҷаҳои асосии бадастомада ба таври пайдарпай ва мантиқӣ ифода ёфтаанд.

Кирдорҳое, ки ба озодии ҷинсӣ таҷовуз меоваранд, ба қатори ҷиноятҳои аз ҳама хавфнок ба муқобили шахсият дохил мешавад. Хавфнокии баланди чунин кирдорҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо метавонад оқибатҳои вазнин ба бор оварда, ба ҳолати равонӣ ва саломатии ҷабрдида, ба ҳаёти оилавӣ ва иҷтимоии ӯ таъсири манфӣ расонанд, дар баъзе ҳолатҳо боиси вайрон гардидани муносибатҳои оилавӣ гарданд ва ба паст шудани сатҳи маънавию ахлоқии ҷомеа мусоидат намоянд.

Ба масъалаи бартараф намудани зӯроварӣ нисбат ба занон, аз ҷумла зӯроварӣ дар соҳаи муносибатҳои ҷинсӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Аз ҷумла, соли 1993 Эъломияи махсуси Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид «Дар бораи барҳам додани зӯроварӣ нисбат ба занон» қабул гардид. Дар ин санад таъкид шудааст, ки зӯроварӣ нисбат ба занон яке аз монеаҳои ҷиддӣ дар роҳи таъмини баробарӣ, рушди иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки масъалаи ҳифзи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ аҳаммияти на танҳо миллӣ, балки байналмилалӣ низ дорад.

Дар амалия мушкилоти ҷиддии бандубасти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ мавҷуданд. Дар бисёр ҳолатҳо таҷовуз ба номус бо дигар ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, инчунин бо ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, аз қабили одамкушӣ, қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, одамрабоӣ ва дигар кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок алоқаманд мегардад. Чунин ҳолатҳо аз мақомоти тафтишӣ ва судӣ бандубасти

дақиқ, таҳлили пурраи аломатҳои объективӣ ва субъективӣ ва риояи қатъии талаботи қонуни ҷиноятиро талаб менамоянд.

Номукаммалии баъзе иборабандии меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, норасоии тавсияҳои зарурии илмӣ оид ба татбиқи дурусти қонун ва мавҷудияти гуногунфаҳмӣ дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ зарурати таҳқиқи амиқи масъалаҳои мазкурро ба миён меорад. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсият барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ, таъмини бандубасти дурусти кирдорҳо ва баланд бардоштани самаранокии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ҷабрдидагон аҳаммияти муҳим дорад.

Мубрамияти таҳқиқоти мазкур ҳамчунин бо он асоснок мегардад, ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҷинсӣ ба таҳлил ва такмили пайваста ниёз дорад. Махсусан, масъалаҳои фарқгузории таҷовуз ба номус аз ҳаракатҳои зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ ва дигар таркибҳои ҳаммонанд то ҳол дар назария ва амалия баҳсталаб боқӣ мемонанд.

Автореферат аз ҷиҳати сохтор ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, дар он қисматҳои асосии таҳқиқот: мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмет, асосҳои назариявию методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва тавсияҳо ба таври муназзам баён шудаанд.

Дар боби якуми таҳқиқот масъалаҳои мафҳумӣ, таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии ҳифзи озодии ҷинсӣ таҳлил гардидаанд. Муаллиф дар ин қисмат кӯшиш намудааст, ки ҷойгоҳи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсиро дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян намуда, рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин самт дар марҳилаҳои гуногун нишон диҳад.

Боби дуюм ба тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба номус бахшида шуда, дар он аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноят, мазмуни зӯроварӣ, таҳдид, ҳолати оҷизӣ, инчунин масъалаҳои марбут ба қасди гунаҳгор ва аҳаммияти онҳо барои бандубасти ҷиноят таҳлил шудаанд.

Дар боби сеюм аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи таҷовуз ба номус, инчунин масъалаҳои фарқгузории он аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин қисмати таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро дар амалия

маҳз фарқгузории дурусти таркибҳои наздик яке аз масъалаҳои душвор ба ҳисоб меравад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаи ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсиро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври низомнок ва бо дарназардошти равандҳои муосири ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар автореферат фарқияти мафҳумии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ асоснок гардида, таърифи муаллифии дахлнопазирии ҷинсӣ ва озодии ҷинсӣ пешниҳод шудааст (саҳ.12).

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар рушди тасаввуроти илмӣ оид ба объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ, ҳолати оҷизии ҷабрдида ва меъёрҳои фарқгузории таркибҳои ҷиноятӣ зоҳир мегардад. Аҳаммияти амалии он бошад, дар он аст, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳангоми такмили Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи тавзеҳоти ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва истифода дар раванди таълим мавриди истифода қарор гиранд.

Натиҷаҳои асосии илмии довталаб дар нашрияҳои илмӣ инъикос ёфтаанд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки муқарраротии асосии таҳқиқот пешакӣ дар муҳити илмӣ пешниҳод ва мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Бо вуҷуди баҳои умумии мусбат ба автореферат, як нуктаи баҳсӣ қобили зикр мебошад.

Дар автореферат муаллиф зарурати дақиқтар мустаҳкам намудани баъзе аломатҳои тарафи объективии таҷовуз ба номус, инчунин такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти стандартҳои муосири байналмилалӣ таъкид менамояд (саҳ. 29).

Бо вуҷуди ин, дар хулосаҳо ва тавсияҳои амалии пешниҳодшудаи муаллиф масъалаи мазкур ба таври кофӣ мушаххас инъикос наёфтааст. Аз ҷумла, дар автореферат равшан нишон дода нашудааст, ки кадом аломатҳои тарафи объективии таҷовуз ба номус ба дақиқсозии қонунгузорӣ ниёз доранд, онҳо бояд бо кадом тарзи ҳуқуқӣ дар диспозитсияи моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода гарданд ва чунин тағйирот ба бандубасти ҷиноят дар амалияи судию тафтишотӣ чӣ гуна таъсир мерасонад.

Бинобар ин, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки ҳангоми ҳимояи диссертатсия мавқеи худро оид ба ин масъала мушаххастар баён намуда, нишон диҳад, ки такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар самти дақиқсозии аломатҳои

тарафи объективии таҷовуз ба номус, ба андешаи ӯ, бояд дар кадом шакл ва бо кадом мазмуни меъёрӣ амалӣ карда шавад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам мазмун ва натиҷаҳои асосии кори илмиро ба таври кофӣ инъикос менамояд. Мавзуи интихобшуда мубрам, таҳқиқот аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд.

Автореферат ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ аҳаммияти назаррас доранд. Диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
декани факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Н.Ф.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Рӯдакӣ,
ҷ/д Чоряккорон, д. Меҳробод, хонаи 90
E-mail: nekruz-0101@mail.ru; Тел.: (+992) 918559828

Имзои Сафарзода Н.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои педагогӣ Насурдинзода А.Н.

**Суроғаи муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33; **Тел.:** 224-17-86, 224-83-93 (факс); **E-mail:** info@apa.tj

«05» 06 соли 2026

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир,33; телефон: +992(37) 224-17-86; 372-24-17-86 E.mail: info@apa.tj